

Имрӯз, 4-уми октябри соли 2017 бахшида ба тачлили Рӯзи забони давлатии Чумхурии Точикистон бо иштироки хайати шахсии Раёсати минтакавии гумрукӣ дар шахри Душанбе ва сардори Шуъбаи танзими истилохоти Кумитаи забон ва истилохоти назди Хукумати Чумхурии Точикистон Зулфониён Рахим Рачабзода чамъомади тантанавӣ баргузор гардид.



Чаласаро муовини якуми сардори Раёсати минтакавии гумрукӣ дар шахри Душанбе полковники хадамоти гумрук Хуршед Бозоров хусни ифтитох бахшида, хозиронро аз номи худ ва рохбарияти Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон генерал - лейтенанти адлия Абдуфатохи Гоиб бо чашни Рӯзи забони давлатӣ табрику тахният ва дар фаъолияти хамарӯзаашон комёбихо таманно намуд. Зимни суханронӣ мавсуф изхор дошт, ки новобаста аз кору машгулият, хар як фарди ватандӯст вазифадор аст, ки ба забони давлатии худ арч гузорад ва онро поку беолоиш нигох дорад.



Зулфониён Рахим Рачабзода - сардори Шуъбаи танзими истилохоти Кумитаи забон ва истилохоти назди Хукумати Чумхурии Точикистон дар навбати худ, дар бораи макому мартабаи забони точикӣ, татбики Конун «Дар бораи забони давлатӣ», одоби муошират, истифодаи истилохоти сохавӣ андешахои худро баён намуд.



Аз чумла, мавсуф афзуд: - Забон рукни асосии давлатдории хар миллат буда, макому манзалат ва таъсири он дар чомеа ба аклу хирад ва маърифати мардуми сохибзабон вобаста аст. Забони точикӣ, ки сарнавишти беш аз хазорсола дорад, дар масири таърих борхо ба шикасту хиёнатхо дучор гаштааст, вале хушбахтона бо паси сар намудани тамоми имтихону озмоишхои таърих тозагии худро нигох доштааст. Истиклолияти давлатӣ, кабули Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи забони давлатии Чумхурии

Точикистон» ва «Барномаи рушди забони давлатии Чумхурии Точикистон барои солхои 2012-2016» ба густаришу рушди фарханг ва маънавиёт, сайкал бахшидани забони адабӣ, ганигардонии захираи лугавӣ ва риояи меъёрхои забони давлатӣ заминаи мусоид фарохам овард. Имрӯз тамоми коргузориву муошират дар идорахои давлатӣ бо забони давлатӣ ба рох монда шуда, омӯхтани забони давлатӣ, бахусус, имлои забони точикӣ дар кулли идорахо барои хар як фард талабу такозои замон гаштааст.



Дар интихо, сардори Раёсати ташкилию бозрасии Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон, полковники хадамоти гумрук Бобоев Хуршед ва сардори Шуъбаи кор бо хайати шахсии Раёсати кадрхо ва кор бо хайати шахсӣ, полковники хадамоти гумрук Рачабов Холмахмад,  низ аз ахамияти рушду такомули забони давлатӣ ва таваччухи махсус ба он суханронӣ намуда, изхор доштанд, ки забони адабии точикӣ омили муттахидкунанда ва вахдати давлату миллат ба хисоб меравад.

***Маркази матбуоти Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон***